Тавзеҳнома
ба лоиҳаи "Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон"

Лоиҳаи "Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон" (минбаъд – Тартиб) мутобиқи моддаи 66 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" дар таҳрири нав таҳия гардида, коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

Тартиби мазкур бо мақсади беҳтар намудани сифати тозагии пули нақд дар муомилот, саривақт таъмин намудани иқтисодиёт бо пули нақди тоза ва ҳамзамон аз муомилот гирифтани пулҳои фарсуда таҳия гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки бо мақсади ба танзим даровардани масъалаи мазкур бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29.11.с.2012, №306 санади меъёрии "Қоидаҳо оид ба тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон" тасдиқ гардида буд (дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 4 январи соли 2013 таҳти №421"б" ба қайд гирифта шудааст).

Тибқи "Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, нисбати лоиҳаи Тартиби мазкур арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида нагардидааст.

Қабули лоиҳаи Тартиби мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад ва қабули он дар давраи амалисозии ислоҳот дар низоми суғуртаи кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муовини Раис Назирӣ Г.Н.